**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи "Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик).- Душанбе, 2019. – 32+29 с.**

Таҳқиқу таълими рӯзгору осори мутафаккирону донишмандон ва сухунварону суханшиносони асримиёнагии форсу тоҷик барои омӯзиши бештари орою афкор ва андешаю ақоиди динию мазҳабӣ, илмию адабӣ ва педагогию ахлоқии андешамандони гузашта заминаи мусоиде фароҳам хоҳад овард. Махсусан, афкори ҳикамию ахлоқӣ ва педагогии як идда нобиғаҳои дину мазҳаб ва фаслсафаю ирфони гузашта ниёз ба таҳқиқи жарф доранд, ки ба аҳли илму адаб таъсири зиёде доранд. Дар низоми таҳсили муосир омӯзиш ва такя бар осору афкори чунин донишмандон аҳаммияти баланд дорад.

Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит аз ҷумлаи бузургтарин донишмандону андешамандони исломӣ ва пешвои мазҳабии гурӯҳи бузурге аз аҳли суннат ва ҷамоат мебошад, ки усул ва равишҳои таҳқиқу омӯзиши ӯ дар риштаи фиқҳу калом сарчашмаи муҳимми илмию таълимии тамоми шохаҳои мазҳабии аҳли суннат ва ҷамоат эътироф шудааст. Омӯзиши ақоиди каломии Имоми Аъзам ва равишҳои ӯ дар таълиму таҳқиқи масоили фиқҳӣ дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба бузургдошти ин мутафаккир дар соли 2009 таъкид шуда буд. Дар ин замина, ба таҳқиқи мавзӯи таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам пардохтани унвонҷӯ Саидаҳмадов Мирзоҳомид ташаббуси нек ва саривақтист.

Мувофиқи мундариҷаи фишурда рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, аҳаммияти назарию амалӣ, навоварии илмии таҳқиқ асоснок карда шуда, объекту предмет ва давраи таҳқиқ, вазифаю мақсади муҳаққиқ ва масоили ба ҳимоя пешниҳодшуда мушаххас баён шудааст.

Боби аввали рисола-"**Усули тадриси авзои сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам ва заминаҳои фарҳангию омилҳои пайдоишу ривоҷи мазҳаби ҳанафӣ**"- аз се фасл иборат буда, масъалаҳои усулу равишҳои омӯзиши вазъи динию мазҳабии аҳди Имоми Аъзам ва

заминаю авомили пайдоишу ривоҷи мазҳаби ҳанафиро фаро мегирад. Дар фасли аввал унвонҷӯ усули обзориро беҳтарини равиши омӯзиши мавзӯи мавриди назар медонад. Муаллифи рисола дар заминаи осори илмию динии гузушта усулҳои таълимро дар макотиби Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои миёна баррасӣ намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки усули роиҷи таълим дар макотиби манотиқи мазкур усули хониши механикӣ ва қориёна азёд кардани матн буд (фишурда, 14).

Дар боби дуюми рисола - **“Усули таълими зиндагинома, шеваи тадрис ва осори андарзии Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит”**, ки аз шаш фасл иборат аст, масоили таълими рӯзгору аҳвол, осори боқимонда, бахусус осори пандуахлоқӣ, шеваи тадриси Имоми Аъзам ва масоили марбут ба он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар фасли аввал, ки ба масъалаи усули таълими зиндагиномаи Имоми Аъзам ихтисос ёфтааст, муаллифи рисола истифода аз методи нақлро тавсия менамояд. Дар фасли дувум, ки ба масъалаи усули таълими мунозираҳои Имоми Аъзам бахшида шудааст, муҳаққиқ мубоҳисаро муҳимтарин метод ҳисобидааст. Ҳамин тариқ, дар фасли сеюм усули саволу ҷавоб, дар фасли чаҳорум усули суҳбат, дар фасли панҷум усули саволу ҷавоб ва дар фасли шашум методи суҳбат тавсия шудааст, ки муаллифи рисола барои истифодаи ин усулҳо далелу мисолҳои мувофиқ овардааст.

Боби сеюм – **“Усули таълими ақоиди мазҳабии Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит”**- аз се фасл иборат буда, ба таҳқиқи масоили усули таълими таснифоти Имоми Аъзам дар илми калом, усули таълим ва шеваи омӯзиши ақидатии Имом Абӯҳанифа, усули таълими фиқҳи Имоми Аъзам ва омӯзишу тадриси шеваи мазҳаби ӯ бахшида шудааст. Муаллифи рисола масоили мавриди назарро бо далелу бурҳон баррасӣ намуда, барои омӯзиш ва таълими ақоиди мазҳабии Имоми усул ва равишҳои хоси таълимро пешниҳод намудааст.

Хулосаи фишурда муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқро фаро мегиранд.

Аз муҳтавои фишурдаи рисола бармеояд, ки Саидаҳмадов Мирзоҳомид мавзӯи мавриди таҳқиқро хуб медонад ва ба ҳадафи илмии худ расидааст.

Дар баробари муваффақият фишурдаи рисола аз нуқсонҳо орӣ нест. Чунончи:

1. Дар бахши “Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст” хулосаҳои мушаххас аз натиҷаи таҳқиқ бояд ироа

шавад, вале хулосаҳо умумӣ буда, ягон усулу равиши тадрис мушаххас баён нашудааст.

2. Дар баъзе саҳифаҳои рисола (саҳ.3, 11, 13, 15, 17, 20 ,22... ) ғалатҳои имлоию китобатӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо муфид мебуд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии рисоларо кам намекунанд. Фишурда ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мазмуни рисоларо дар бар мегиранд.

Мундариҷаи фишурдаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид гувоҳи он аст, ки рисолаи ӯ кори илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошад.

Доктори илмҳои филология,
дотсенти кафедраи таърихи
адабиёти тоҷики Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон М.З. Низомов

734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: 992918714350
E-mail: nizomi73@mail.ru

Имзои дотсент М.Низомовро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э.Тавқиев
20. 01. 2020.